**Тақризи**

**доктори илмҳои фалсафа, дотсент Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна ба автореферати диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Дар шароити ҷустуҷӯйи идеяи миллӣ, кӯшиши баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ дар Тоҷикистон таҳқиқи осори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккирони Шарқ аҳамияти бузургӣ назариявӣ ва амалӣ дорад. Ботадриҷ таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи таърихи фалсафаро ба худ ҷалб менамояд. Яке аз ин гуна мутафаккирон Ибни Боҷҷа мебошад, ки дар рушди илму фалсафаи он давра нақши бузург гузоштааст. Хизмати бузурги Ибни Боҷҷа дар он зоҳир мегардад, ки осори илмию фалсафии бузургтарин мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик А. Форобӣ ва А. Синоро шарҳ дода, дар олами ислом таблиғ намудааст. Аз ин ҷост, ки осори фалсафии Ибни Рушд дар кишварҳои Ғарб машҳур гардида, мактаби фалсафии худро соҳиб гаштааст.

Интихоб шудани ин мавзӯъ ба сифати масъалаи марказии тадқиқоти илмӣ аз тарафи диссертант худ як ҷасорати илмӣ мебошад. Диссертант барои навиштани диссертатсияи худ ва ҳалли вазифҳои дарпешгузошташуда аз маводи зиёди илмӣ ва соҳавӣ истифода бурдааст. Ҳар як масъалаи тадқиқшаванда ба таври ҷиддӣ ва ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаҳои ва ҷиҳатҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда содда, мушаххас ва қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Мақсад аз навиштани диссертатсия омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа мебошад. Муаллиф барои ноил гаштан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои ба мақсад алоқаманд, мисли

омӯзишу таҳлили шароити иҷтимоиву сиёсии давраи зиндагӣ ва эҷодиёти Ибни Боҷҷа, муайян намудани омӯзиш ва таҳлили рушду инкишофи фарҳанг ва илмии даврони мутафаккир, баррасӣ ва таҳлили масоили ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии мутафаккир ва пайравии ӯ аз файласуфони шарқӣ, таҳлилу омӯзиш ва баррасии фалсафаи амалии Ибни Боҷҷаро ба нақша гирифтааст.

Дар диссертатсия афкори фалсафию иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа дар доираи фалсафаи тоҷик бори аввал ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Бори нахуст кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, ки то ин вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли низоми муайяни илмӣ таҳқиқ нашуда буд, пай дар пай тавсифу баёни худро пайдо кунад. Муаллиф дар асоси маводи мавҷудаи тахассусӣ масъалаҳои марказии таълимоти иҷтимоӣ-фалсафии Ибни Боҷаро амиқ омӯхта, таҳлил намудааст. Диссертант ба таҳлили андешаҳои иҷтимоии Ибни Боҷҷа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, ки барои муайян намудани арзишҳои иҷтимоӣ ва фазои иҷтимоии ҳамон давра хеле муҳим мебошанд.

Дар тадқиқот диссертант барои омӯзиши мавзӯи тадқиқотӣ усулҳои таҳлили мантиқӣ, системавӣ, таърихӣ, муқоисавӣ ва сохториву арзишӣ истифода шудаанд. Тадқиқоти илмии анҷомдодаи Назаров С.Т. барои омӯзишу таҳқиқи минбаъдаи таълимоти мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёна ҳамчун заминаи илмӣ-методологӣ хизмат менамояд. Диссертатсия ба таври касбӣ навишта шудааст ва хулосаҳою навовариҳои он аз касбияти баланди муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Мазмуни автореферат ва корҳои банашррасондашуда моҳияти тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд. Бо вуҷуди дастовардҳо ва муваффақиятҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар кори илмӣ хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Норасоиҳо номбурда арзиши илмии диссертатсияро кам намекунад ва рисолаи **Назаров Саъдулло Турахонович** дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Рисола ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 оид ба додани дараҷаи илмии номзади имлҳо тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 –таърихи фалсафа мебошад.

**Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
фалсафа, дотсент** **Маҳмадҷонова М.Т.**

Реквизитҳо:

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,

кӯчаи Рӯдакӣ, 33, 734025

992 (37) 937333311

**Имзои доктори илмҳои фалсафа,
дотсент Маҳмадҷонова М.Т.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳои
Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон** **Кучарова Б.**

ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33,
734025